# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ. – Душанбе, 2023. – 190 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ)» ба шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат дорад. Дар банди 6-уми шиносномаи ихтисоси мазкур омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ, бахусус афзоиши нақши иттилоот дар ҷомеаи муосир, пешбинӣ гардидааст. Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ низ масъалаҳои афзоиши нақши иттилоот дар ҷомеаи муосирро дар бар мегирад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Масъалаи маориф яке аз масъалаҳои калидӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Рушди он ба тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, пажӯҳиши соҳаи маориф дар давраи дигаргуншавии ҷомеа яке аз вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад. Муҳимияти мавзуи таҳқиқшаванда, инчунин, дар он аст, ки вобаста ба талаботи давраи гузариш ҷиҳатҳои муҳимтарини раванди зина ба зина гузаштани таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу таҳқиқ шаванд, ки зарурияти омӯзиши он дар Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хеле мушаххас баён шудааст. Зарурияти дигари таҳлилу таҳқиқи мавзуи интихобшуда, инчунин, дар он аст, ки раванди модернизатсионӣ дар соҳаи маориф вобаста ба суннатҳои миллӣ ба монанди руҳияи миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанги гузашта ва таъсири онҳо дар ташаккули шахсияти нав мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз тарафи дигар, аҳамияти таҳлили илмӣ ва назариявии масъалаи таҳқиқшуда дар он аст, ки дар ҷаҳони муосир раванди навсозии соҳаи маориф идома дорад. Ислоҳот дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар низоми сиёсии Тоҷикистон, сурат мегирад. Барои навсозии бомуваффақияти низоми таълим иштироки фаъолонаи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва худи шаҳрвандон зарур аст. Бинобар ин, сиёсат дар бораи

маориф на танҳо хусусияти соҳавӣ, балки хусусияти умумимиллӣ дошта, зарурияти омӯзиш ва таҳқиқоти илмию назариявии мукаммалро талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи раванди ташаккулёбӣ ва рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф вазифаи муҳим ва саривақтиест, ки омӯзиши паҳлуҳои гуногуни он ба рушди устувори кишвар, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ ва таҳкими мавқеи он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар таҳқиқоти муаллиф зарурияти илмию назариявии таҳқиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф муайян карда шудааст. Бори аввал ташаккули раванди таҳаввули соҳаи маориф дар давраи гузариш тадқиқу таҳлил гардидааст. Дар раванди таҳқиқоти илмӣ тағйири сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва ватанӣ ба роҳ монда шудааст. Роҳҳои татбиқи равандҳои инноватисонӣ ва модернизатсионии рушди соҳаи маориф муайян карда шудаанд. Раванди мутобиқнамоии омилҳои мусбати маорифи ҷаҳонӣ ва истифодаи он дар таҷрибаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокии хулосаҳои таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо сатҳи баланди маводи эмпирикӣ ва сарчашмаҳои назариявии истифодашуда алоқаманд мебошад. Дар диссертатсияи мазкур стратегияи рушди соҳаи маориф баррасӣ гардида, доираи васеи адабиёти илмии бо мавзуъ алоқаманд мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар заминаи таҳлили барномаи рушди соҳаи маориф ва дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ муаллиф хусусиятҳои рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маорифро нишон дода, зарурият ва муҳиммияти ташаккулдиҳии ин навъи ҷомеаро асоснок намудааст. Хулосаҳои муаллиф вобаста ба заминаҳои ташаккулёбии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф хеле аҳамиятнок мебошанд. Дар алоқамандии ин дар таҳқиқоти мазкур шарту шароити самаранокии рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нишон дода шудааст. Инчунин, муаллиф дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷомеаҳои пешрафта сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро ҳамчун таҷрибаи пешқадам муаррифӣ намуда, дар хулосаҳои худ истифодабарии таҷрибаи кишварҳои дигарро муҳим меҳисобад.

Муаллиф дар заминаи таҳлилҳои илмӣ ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, раванди ташаккулёбии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро баррасӣ менамояд. Дар ин раванд, пеш аз ҳама, муваффақиятҳои давлату ҳукумат дар самти рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нишон дода шудаанд. Аммо дар радифи муваффақиятҳо, инчунин, муаммоҳо низ баррасӣ гардидааст. Муаллиф барои бартараф намудани муаммоҳои ҷойдошта пешниҳод менамояд, ки бо мақсади хубтару беҳтар таъмин намудани рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, пеш аз ҳама, дар самти мактабҳои олии кишвар мушкилоти зерин ҳарчи зудтар бартараф карда шаванд: беҳтар кардани заминаи моддию техникии аксари донишгоҳҳо, аз ҷумла таъмини адабиёти таълимӣ, компютерҳои муосир ва пайвастшавӣ ба Интернет; баланд бардоштани самаранокии барномаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон; равона намудани ҷаҳду талошҳои мактаби олӣ ба бозори меҳнат ва қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат бо мутахассисони баландихтисос; истифодаи усулҳои хушсифат ҷиҳати идоракунӣ дар соҳаи маълумоти олӣ, ҳамзамон чудо намудани маблағи зарурӣ ба масъалаҳои идоракунии сифати маълумот; аз байн бурдани нобаробариҳо дар тайёр намудани мутахассисони касбӣ ва васеъ намудани майдони илмҳои дақиқ, зеро аксарияти онҳоро ихтисосҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳанд; зарурати таъмини миқдори зиёди хатмкунандагони мактабҳои олӣ бо ҷои кор дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҳавасмандгардонии онҳо; тайёр намудани мутахассисони варзида дар соҳаҳои наве, ки бозори меҳнат дар замони муосир талаб менамояд ва ба он ниёз дорад ва ғайра; ташкили «Паркҳои техникӣ»-и бузург дар назди ҳар як донишгоҳ ва бо ин восита дар амал татбиқ намудани назарияҳо ва таълимоту андешаҳои мавҷуда; дар «Паркҳои техникӣ»-и бузург ба роҳ мондани истеҳсолоти илмие, ки аз ҷониби ширкатҳои давлатӣ ва ё хусусӣ супориш(заказ) мешавад ва ҳоказо, ки ба воситаи ин ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меояд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти мазкур дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва омӯзиши равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, дар он нисбат ба ташаккулёбӣ ва рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар мамлакат хулосаҳои илман асоснок баён гардидаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар шароити Тоҷикистон барои таҳқиқоти минбаъдаи ташаккулёбии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва рушду инкишофи он заминаи илмию

назариявӣ ба шумор меравад. Инчунин, дар асоси таҳлилу таҳқики консепсияҳои илмӣ зарурати рушди соҳаи маориф нишон дода шудааст, ки он барои асоснок намудани дурустии стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аҳамиятнок мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот, сатҳи омӯзиши мавзуи илмӣ ва робитаи таҳқиқот бо мавзуъҳои илмӣ нишон дода шудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян гардидаанд. Тартиби таҳия ва ҷобаҷогузории бобҳои диссертатсия мантиқи худро доранд. Дар раванди таҳияи сохтори диссертатсия истифодаи методҳои таърихӣ, системанокӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ ва оморӣ ба назар мерасад.

Таҳлили мундариҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки боби аввал вобаста ба мазмун ва муҳтавои сиёсати давлат дар соҳаи маориф сарчашмаҳои илмию назариявии ин соҳа ва дар боби дуюм сиёсати давлат дар соҳаи маориф мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Чунин тарзи кор ба муаллиф имкон додааст, ки дар омӯзиши ин масъала, пеш аз ҳама, дар самти амалигардонии мақсади таҳқиқот ба муваффақият ноил гардад.

Дар маҷмуъ, дар боби аввали диссертатсия асосҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф, мазмун ва муҳтавои сиёсати давлат дар соҳаи маориф, сарчашмаҳои илмию назариявии ин соҳа, таҳлили асосҳои илмию назариявӣ ва амалии рушди соҳаи маориф, омилҳои ташаккул ва инкишофи маориф дар раванди дигаргуншавии ҷомеа, сиёсати давлат дар соҳаи маориф мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин, дар боби мазкур заминаҳои ташаккулёбии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф баррасӣ гардида, хусусиятҳои муҳимми ин раванд нишон дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия раванди татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, қабули ҳуҷҷатҳои расмӣ вобаста ба соҳаи маориф, ба роҳ мондани равандҳои ислоҳот ва модернизатсия дар соҳаи маориф дар давраи баъдишуравӣ, омилҳои ташаккул ва инкишофи маориф дар давраи гузариш ва дурнамои сиёсати давлатӣ дар низоми маориф, мақом ва нақши сиёсати давлат дар инкишофи маориф, самаранокии истифодаи технологияҳои

иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар доираи ин боб муаллиф раванди модернизатсионии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро ҳамаҷониба таҳлил намуда, максади иҷтимоию сиёсии стратегии модернизатсионии сиёсати давлатии Тоҷикистонро дар соҳаи маориф нишон додааст. Инчунин мушкилоте, ки дар самти ташаккулёбии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод мекунанд, муайян карда шуда, дар асоси онҳо дурнамои рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф пешниҳод гардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳкикот пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти илмию амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аҳамияти баланди илмӣ дорад, зеро дар он бори аввал раванди ташаккулёбии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои хоси иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии кишвар ба таври мукаммал таҳкик карда мешавад. Дар кори илмии довталаб таҳлили амиқи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф гузаронида мешавад, омилҳои асосии муайянкунандаи тағйирёбии он ва дурнамои рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар шароити муосир ошкор карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳкиқот имкон медиҳанд, ки тасаввуроти назариявӣ дар бораи қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф амиқтар карда шаванд, инчунин, тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва раванди идоракунӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва рушди маорифи кишвар нигаронида шудаанд, таҳия карда шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои кори илмии довталаб барои ҳалли масъалаҳои мубрами Тоҷикистон дар раванди рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф истифода шаванд. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф метавонанд дар таҳияи барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатӣ, ки ба ислоҳоти соҳаи маориф ва рушди таҳсилот дар мамлакат равона шудаанд, ба назар гирифта шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин, метавонанд дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи маориф, дар раванди ислоҳот дар соҳаи

маориф, коркарди воситаҳои таълим, маводҳои лексионӣ оид ба фанҳои ҷомеашиносӣ, хусусан сиёсатшиносӣ ва истифодаи технологияи сиёсӣ дар замони муосир, маводҳои аёнӣ тавассути тахтаҳои электронӣ ва ҳамчунин, барои пешрафти минбаъдаи соҳаи маориф истифода гарданд.

Рушди соҳаи маориф омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар мебошад. Дар диссертатсияи мазкур аҳамияти иҷтимоиву сиёсии рушди соҳаи маориф барои Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Дар таҳқиқот муайян гардидааст, ки имрӯз модернизатсияи маориф, ҳамчун талаботи ҷомеаи муосири рушдкарда, маънои мусбиро касб намуда, бо маорифи анъанавӣ омезиш меёбад ва раванди таълимро бо мазмуну мундариҷаи нав пурра менамояд. Дар робита бо ин, маориф ҳамчун яке аз ниҳодҳои муҳимми иҷтимоӣ, шавқу рағбати ҷомеаи ҷаҳониро барои ба даст овардани тахассусҳои нав баланд намудааст, зеро тамоми умеду орзуҳо дар баромадан аз бuҳрони фарҳангӣ ва зеҳнӣ, ки дар асоси тағйироти ҷиддии ҳаёти ҷомеа пайдо шудаанд, бо маориф пайвандии зич дорад.

Хулоса, дар таҳқиқоти мазкур сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ба таври амиқ омӯхта шуда, дорои аҳамияти баланди илмиву амалӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди маориф, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон ва таъмини рушди устувори мамлакат равона шудаанд, истифода гарданд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқот муаллифи диссертатсия панҷ мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп намудааст. Инчунин, муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар чор конференсияи ҷумҳуриявӣ маъруза намудааст. Интишороти довталаб ба талаботи бандҳои 34-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ бо риояи муқарраротИ Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки

бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият дароварда шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти мазкур дар баробари муваффақиятҳои муаллиф ва дар баробари паҳлуҳои мусбати диссертатсияи ӯ, инчунин, баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1.Дар таҳқиқоти мазкур аз чӣ сабаб бошад, ки ба масъалаи илм ва истеҳсолот, ки он яке масъалаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад, таваҷҷуҳи хоса дода нашудааст. Ба андешаи мо, ба омӯзиши ин масъала низ як зербоби алоҳида бояд бахшида мешуд;

2.Муаллиф дар вақти таҳқиқот ба ҳуҷҷати муҳимми давлатӣ Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чандон диққат надодааст. Дар ҳоле ки ҳуҷҷати мазкур санади асосии муайянкунандаи сиёсати давлатӣ буда, мақсад ва вазифаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат, тамоюл ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

3. Муаллиф дар диссертатсия пешниҳод менамояд, ки пас аз хатми мактаби миёна ҷавонон ба хориҷа барои таҳсил фиристода нашаванд (с.161). Чунин андеша дар шароите, ки Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста ҳамкориҳои худро бо давлатҳои дигар тақвият мебахшад ва барои омода кардани мутахассисони соҳибкасби сатҳи байналмилалӣ талош менамояд, мантиқӣ буда метавонад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд. Зеро натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур мустақилона аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, кори илмӣ дорои навгониҳо мебошад, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф асоснок ва боэътимоданд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон /______________/ Саидзода Ш.Ш.

05.09.2025

Имзои номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсент Саидзода Ш.Ш.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Бобоев А.Х. ______________________

05.09.2025

Суроғаи муқарриз:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1
Тел.: + 992939388866
E-mail: shuhratst@mail.ru